**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

*14 августи соли 2026* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) дар ҳайати: Иброҳимзода И.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, – раиси комиссия; Раҳматзода Р., доктори илмҳои иқтисодӣ – узви комиссия; Самандарзода И. Ҳ., доктори илмҳои иқтисодӣ – узви комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Субҳонзода Икром Субҳон хулосаи зеринро қабул намуд:

***I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ***

Довталаби дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ Субҳонзода Икром Субҳон ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи банди 25-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) мувофиқат мекунад.

Субҳонзода Икром Субҳон, 28 декабри соли 1980 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2003 Донишкадаи андоз ва ҳуқуқро (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси иқтисодчӣ-бозраси андоз хатм кардааст.

Аз 1-уми июни соли 2023 то инҷониб ба ҳайси дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Субҳонзода И.С. соли 2009 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти Ҷумҳурии

Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисод, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо – КАС ва кишоварзӣ) ҳимоя намудааст.

Аз моҳи марти соли 2015 ба унвони илмии дотсенти кафедраи фаъолияти бонкӣ мушарраф гадидааст.

Мавзуи диссертатсияи доктории Субҳонзода Икром Субҳон дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 31.03.2022, протоколи № 8/4.3 тасдиқ гардидааст.

**Мушовири илмӣ:** Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло - д.и.и., профессор, узви вобастаи АМИТ, мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ.

## II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ

Муҳтаво ва мундариҷаи диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи "Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба ихтисоси илмие, ки аз рӯйи он ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, мувофиқат мекунад.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва рақобати шадиди бозорҳои байналмилалӣ, масъалаи рушди устувор ва диверсификатсияи иқтисоди миллӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти стратегӣ пайдо намудааст. Дар ин замина, рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун яке аз омилҳои калидии таъмини рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз воридот баромад менамояд.

Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашудаи давлат дар самти дастгирии соҳибкорӣ, аз ҷумла татбиқи барномаҳои давлатӣ, имтиёзҳои андозӣ ва беҳтарсозии муҳити сармоягузорӣ, рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳанӯз ҳам бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ мебошад. Аз ҷумла, маҳдудияти дастрасӣ ба сармоя, сатҳи пасти технологияи истеҳсолӣ, норасоии кадрҳои баландихтисос, инфрасохтори нокифоя ва сатҳи пасти инноватсионӣ аз ҷумлаи чунин монеаҳо мебошанд.

Мубрамияти мавзӯи мазкур ҳамчунин бо зарурати татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръати кишвар, таъмини амнияти иқтисодӣ ва гузариш ба модели рушди инноватсионӣ алоқаманд мебошад. Дар ин раванд, рушди соҳибкории истеҳсолӣ

метавонад ҳамчун муҳаррики асосии саноатикунонӣ ва такмили сохтори иқтисодӣ баромад намояд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи илмии самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти калони амалӣ дошта, метавонад барои таҳияи сиёсати самараноки иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ заминаи боэътимод фароҳам оварад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии аз ҷониби муаллиф бадастовардашуда ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ): 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ; 3. Қонуният ва тамоили рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир; 4. Пешгӯии тағйиротҳои сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ; 6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи нишонаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ; миқёси фаъолият; намуди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва ғ.); 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 9. Ташкил ва идоракунии соҳибкории муштарак. 12. Методология ва назарияи таъмини рақобатноки сохторҳои соҳибкорӣ; 17. Принсипҳои назариявӣ, методологӣ ва методии ташаккул ва рушди фарҳанги соҳибкорӣ, меъёрҳои ахлоқии соҳибкорӣ; 21. Соҳибкории инноватсионӣ ва рушди он дар соҳаҳои иқтисодиёт. 22. Таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ; самтҳои асосии ташаккули низоми идоракунии таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ мутобиқат мекунад.

Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, дар шароити имрӯза ба рушди илм ва пешрафти иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

## III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар 42 корҳои илмӣ, аз ҷумла, 3 монография (дар ҳаммуалифӣ 1 адад), 23 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаби дараҷаи илмӣ, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

## IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ

Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршудаи КОА ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

**Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи "Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Раҷабов Раҷаб Кучакович – д.и.и., профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;
- Досиев Маҳмадшоҳ Назарович – д.и.и., профессори кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Наҷмиддинов Фирдавс Нуриддинович – д.и.и., мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавсеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор, аъзои шуро Иброҳимзода И.Р.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор, аъзои шуро Раҳматзода Р.

д.и.и., профессор, аъзои шуро Самандарзода И.Ҳ.

Имзои аъзоёни комиссияи экспертиро тасдиқ менамоям:
**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
н.и.и., дотсент Исмоилов А.А.